ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Бобо Афзали Кошонӣ бахшида шуда, аз муқаддима, се боб бо фарогирии ҳашт зербоб ва қисматҳои марбут ба онҳо, хулоса ва китобнома иборат мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расида, дар маҷлиси васеи кафераи мазкур аз 5. 01. 2021 (суратҷаласаи № 6), кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30.04.2021 (суратҷаласаи № 14) ва шурои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 26. 03. 2022 (суратҷаласаи № 8) мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Кори диссертатсионӣ дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия», ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июни соли 2017, № 3/1 тасдиқ гардидааст, таълиф ёфтааст.

Мақсади асосии пажӯҳиши мазкурро баррасии мукаммал ва густардаи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Бобо Афзали Кошонӣ ташкил дода, барои ҳалли мусбати мавзуъ як қатор масоили марбут ба зиндагинома ва мероси адабии шоир, аз ҷумла мушаххасоти зиндагӣ, вазъи замон, зодгоҳ, пайвандону фарзандон, ному насаб, тахаллус, унвонҳои ифтихорӣ, нуфузи ирфонӣ, ҷаҳонбинӣ, номгӯ, мундарича ва вижагиҳои осори мансур, табақабандии

анвои адабии таркиби девони шоир, инъикоси маҳорату истеъдоди адиб дар рубоисарой, арзёбии рубоиёти сайёр, мазмуну мундарича ва хусусиятҳои бадеии рубоиёти шоир ба таври муфассал таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Ҷиҳати дастёбӣ ба ҳаллу фасли масоили мазкур муаллиф аз сарчашмаҳои зиёди дасти аввал, бахусус нусхаҳои хаттиву осори дар солҳои гуногун мунташиргардидаи шоир ва мақолаву таҳқиқоти адабпажӯҳону ховаршиносони ватаниву хориҷӣ, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Бобо Афзал иртибот доранд, васеъ истифода бурдааст.

Зимни пажӯҳиш диссертант аз тарзу усул ва шеваву равишҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, омӯзиши типологии жанрҳо ва дигар роҳу усулҳои таҳлили матни адабӣ истифода намуда, ба афкори назарӣ ва таҳқиқоти донишмандони маъруфи ватанию бурунмарзӣ, аз ҷумла Ҳерман Эте, Е.Э. Бертелс, Ян Рипка, Саид Нафисӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Абдулғанӣ Мирзоев, Расул Ҳодизода, Худой Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Урватулло Тоиров, Абдушукури Абдусаттор, Бадриддин Мақсудов, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Рустам Тағаймуродов ва дигарон такя кардааст.

Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ нахустин пажӯҳиши мукаммал ва фарогир дар мавриди рӯзгор ва осори Бобо Афзали Кошонӣ буда, барои омӯзиши масъалаҳои гуногуни соҳаи адабиётшиносӣ, бахусус вазъи илму адабиёт дар асрҳои XII-XIII, ҷараёнҳои маъмули ақидатӣ, робитаи ирфону адабиёт, шинохти вижагиҳо ва ҷанбаҳои ахлоқию маърифатии осори намояндагони адабиёти ирфонӣ, суннати рубоисарой, мухтассоти рубой ҳамчун жанри сайёр, зарурат ва мушкилоти мушаххас сохтани рубоиёти машкуки адибон таъсири мусбат расонида метавонад.

Навгонӣ ва аҳаммияти кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар он манзур мегардад, ки аввалин бор дар адабиётшиносии тоҷик ҷойгоҳи илмиву адабӣ, тамоюл ва нуфузи ирфонӣ, ҷараёни рӯзгор, мухтассоти эҷодиёт, анвоъ, теъдод, мазмуну мундарича расоил, мактубот, таснифоти жанрӣ ва

вижагиҳои осори манзум, саноеи бадеӣ ва дигар ҷилваҳои ҳунарии рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ, ки яке аз намояндагони барҷаста, вале камомӯхташудаи адабиёти тасаввуфии форс-тоҷик мебошад, ба таври монографӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Баррасӣ, матраҳ ва фароҳам сохтани кори диссертатсионӣ, ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва нақду таҳлили маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти Афзалуддини Кошонӣ маҳсули фаъолияти мустақилона ва чандинсолаи муаллиф мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар зиёда аз 20 мақола, ки 7-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф мазмуну муҳтавои ассосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Теъдоди мақола ва маводи бачопрасондаи унвонҷӯ ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо барои истифодаи амалии он зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Кори диссертатсионии Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна пажӯҳиши мустақил ва анҷомёфта буда, натиҷаҳо ва навгониҳои илмии он баҳри баррасии масъалаҳои алоҳидаи адабиётшиносӣ, аз ҷумла вазъи адабиёти бадеӣ дар асрҳои XII-XIII, назарияи адабиёт, сохтори ҳунарӣ ва нақди адабӣ

мусоидат менамоянд. Нуктаҳои назариявии дар диссертатсия зикршуда боэътимод ва илман асоснок буда, боиси шубҳаангезӣ намегарданд.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович - номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Низомӣ М.З.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Кӯчарзода А.

доктори илми филология,
профессори кафедраи таърихи
адабиёти тоҷики ДМТ Солеҳов М. О.

« 04 » октябри соли 2022.